# Шикаст хӯрдани подшоҳӣ



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЕҲӮРОМ ПИСАРИ ЕҲӮШОФОТ, ПОДШОҲИ ЯҲУДО ШУД.
ДУХТАРИ АХЪОБ – АТАЛЁ ЗАНИ Ӯ БУД, ВА Ӯ ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД, БА АМАЛ ОВАРД.
ВАЛЕКИН ПАРВАРДИГОР БА ХОТИРИ БАНДАИ ХУД ДОВУД НАХОСТ ЯҲУДОРО БА ҲАЛОКАТ РАСОНАД, ЗЕРО БА Ӯ ВАЪДА ДОДА БУД, КИ БАРОИ Ӯ ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ УМРБОД ЧАРОҒЕ БИДИҲАД.
ДАР АЙЁМИ ҲУКМРОНИИ Ӯ АДӮМ ЗИДДИ ЯҲУДО ИСЁН БАРДОШТ.
ЕҲӮРОМ ДАР ЧИЛСОЛАГӢ ВАФОТ КАРД; ВА БА ҶОИ Ӯ ПИСАРАШ АҲАЗЁҲУ, БОЗ ЯК ПОДШОҲИ БАДКИРДОР, ПОДШОҲ ШУД ШУД – АММО Ӯ ҲАМАГӢ ЯК СОЛ ПОДШОҲӢ КАРД.
ПАС АЗ ОН КИ ЙӮРОМ ПОДШОҲИ ИСРОИЛ ДАР ҶАНГИ ЗИДДИ АРАМИЁН ЗАХМДОР ШУД, АҲАЗЁҲУ БА ИЗРЕЪИЛ БА ХАБАРГИРИИ Ӯ РАФТ.






IV Подшоҳон 9:1-10




IV Подшоҳон 9:10-15


МАН ИЗДИҲОМЕ МЕБИНАМ.
САВОРЕРО ГИРИФТА, БА ПЕШВОЗИ ОНҲО БИФИРИСТ, ТО КИ БИПУРСАД: "ОЁ ОСОИШТАГИСТ?".
ПОДШОҲ ЧУНИН МЕГӮЯД: "ОЁ ОСОИШТАГИСТ?"
ТУРО БО ОСОИШТАГӢ ЧӢ КОР АСТ? АЗ ҚАФОИ МАН БИЁ!
ҚОСИД НАЗДИ ОНҲО РАСИД, ВАЛЕ БАРНАГАШТ.
АСПСАВОРИ ДУЮМРО ФИРИСТЕД.
ПОДШОҲ ЧУНИН МЕГӮЯД: "ОЁ ОСОИШТАГИСТ?"
ТУРО БО ОСОИШТАГӢ ЧӢ КОР АСТ? АЗ ҚАФОИ МАН БИЁ!
ҚОСИДИ ДУЮМ НИЗ НАЗДИ ОНҲО РАСИД, ВАЛЕ БАРНАГАШТ.
АСПРОНӢ БА АСПРОНИИ ЕҲУ ПИСАРИ НИМШӢ МОНАНД АСТ, ЗЕРО КИ ВАЙ БОШИДДАТ АСП МЕРОНАД.
АСПРО БА АРОБАИ МАН БИБАНД.




IV Подшоҳон 9:21-26


ПОДШОҲ АҲАЗЁҲУРО НИЗ БИКУШ!
АҲАЗЁҲУ ЗАХМДОР ШУД ВА Ӯ ТО МАҶИДДӮ ГУРЕХТА, ДАР ОН ҶО МУРД. ӮРО ДАР УРШАЛИМ НАЗДИ АҶДОДОНАШ ДАФН КАРДАНД.
ДАР ИН ВАҚТ…МАЛИКА ИЗОБАЛ БА ПЕШВОЗИ ЕҲУ ТАЙЁРӢ ДИД.
ОЁ ТУРО, ЭЙ ЗИМРИИ1 КУШАНДАИ ХОҶАИ ХУД, ОСОИШТАГӢ ХОҲАД БУД?
КИСТ, КИ ПАЙРАВИ МАН БОШАД, КИСТ? КӢ?
1 Зимрӣ подшоҳи пештара буд, ки пас аз нобудсозии сиёсии пештара ҳамагӣ ҳафт рӯз подшоҳӣ кард. Изобал Еҳуро масхара карда, мегӯяд, ки подшоҳии ӯ низ кӯтоҳ хоҳад буд.




IV Подшоҳон 9:33-34






IV Подшоҳон 9:33-37




IV Подшоҳон 10:1-8






IV Подшоҳон 10:9-17




IV Подшоҳон 10:18-24


ДАРОМАДА, ОНҲОРО БИКУШЕД, ВА ЯК НАФАР ҲАМ БЕРУН НАОЯД!
ЕҲУ МОРО ФИРЕБ ДОД!


МОРО НАҶОТ ДЕҲ, ПАРВАРДИГОР БААЛ!!
АААҲҲҲ!!
IV Подшоҳон 10:25


ВА ШОТИРОН ВА САРКАРДАГОН ОНҲОРО БАРОВАРДА ПАРТОФТАНД, ВА БА ШАҲР, АНДАРУНИ ХОНАИ БААЛ БАРГАШТАНД.
СУТУНҲОИ ХОНАИ БААЛРО БЕРУН ОВАРДА, СӮЗОНИДАНД.
ВА ҲАЙКАЛИ БААЛРО ШИКАСТАНД; ВА ХОНАИ БААЛРО ХАРОБ КАРДАНД, ВА ОНРО БА АХЛОТҶОЙ ТАБДИЛ ДОДАНД.
АГАРЧИ ЕҲУ ПАРАСТИШИ БААЛРО ДАР ИСРОИЛ НЕСТ КАРД, АЗ ГУНОҲҲОИ ЁРОБЪОМ, КИ ИСРОИЛРО БА ГУНОҲИ ПАРАСТИШИ ГӮСОЛАҲОИ ТИЛЛО ДАР БАЙТ-ИЛ ВА ДОН ВОДОР КАРДА БУД, ДАСТ НАКАШИД.
АЗБАСКИ ЕҲУ ХОСТИ ХУДОРО ИҶРО КАРД, ВА ОН ЧИ ХУДО ДАР ҲАҚҚИ ХОНАДОНИ АҲЪОБ МЕХОСТ, БА АМАЛ ОВАРД, ХУДО ВАЪДА ДОД, КИ ПИСАРОНАШ ТО НАСЛИ ЧОРУМ БАР ТАХТИ ИСРОИЛ ХОҲАНД НИШАСТ.
ДАР ОН АЙЁМ ПАРВАРДИГОР БА КАМ КАРДАНИ ҲУДУДИ ИСРОИЛ САР КАРД. АРАМИЁН ДАР ҚИСМҲОИ ГУНОГУНИ ҲУДУДИ ИСРОИЛ БАР ОНҲО ДАСТБОЛО МЕШУДАНД.
ЕҲУ 28 СОЛ БАР ИСРОИЛ ҲУКМРОНӢ КАРД ВА БАЪД ВАФОТ КАРД.


ВА АТАЛЁ, МОДАРИ АҲАЗЁҲУ, ЧУН ДИД, КИ ПИСАРАШ МУРД, ТАМОМИ НАСЛИ ПОДШОҲРО НОБУД КАРД ТО КИ ХУДАШ ҲУКМРОНӢ КАРДА ТАВОНАД.
АММО ЕҲӮШОБАЪ, ХОҲАРИ АҲАЗЁҲУ, ЕҲӮОШ ВА ДОЯАШРО ДАР ХОНАИ ПАРВАРДИГОР ПИНҲОН КАРД.
АТАЛЁ ШАШ СОЛ БАР ИСРОИЛ ҲУКМРОНӢ КАРДА, ДАР ИН ДАВРА ПАРАСТИШИ БААЛРО ҶОРӢ НАМУД.
ВА ЕҲӮОШ ПИНҲОН МОНДА БУД.
ВА ДАР СОЛИ ҲАФТУМ ЕҲӮЁДОЪ ФИРИСТОДА, МИРИСАДҲОИ КАРИТИЁН ВА ШОТИРОНРО ГИРИФТ, ВА ОНҲОРО НАЗДИ ХУД БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР ОВАРДА, БО ОНҲО ПАЙМОН БАСТ.
ПАРВАРДИГОР НАСЛИ ДОВУДРО МАҲФУЗ НИГОҲ ДОШТ, ЧУНОН КИ ВАЪДА ДОДА БУД.
ИНАК ЕҲӮОШ – ПИСАРИ ПОДШОҲ АҲАЗЁҲУ – Ӯ ДАР ВАҚТИ КУШТОРЕ КИ МАЛИКА АТАЛЁ КАРДА БУД, КУШТА НАШУД.






IV Подшоҳон 11:5-14




IV Подшоҳон 11:15-21


ДАР СОЛИ 836 ТО МИЛОД ЕҲЎОШ ПОДШОҲ ШУД ВА ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ЕҲЎЁДО МАСЛИҲАТ МЕДОД, БА ҶО МЕОВАРД, – АММО БАЛАНДИҲОРО БАРҲАМ НАДОД: МАРДУМ ҲАНЎЗ БАР БАЛАНДИҲО ҚУРБОНӢ МЕКАРДАНД ВА БУХУР МЕСЎЗОНИДАНД.
Ў БА КОҲИНОН ДАСТУР ДОД …
ҲАР КОҲИН ПУЛҲОРО АЗ ХАЗИНАЧИҲО ГИРИФТА, БАРОИ ТАЪМИРИ ҶОЙҲОИ ВАЙРОНШУДАИ МАЪБАД ИСТИФОДА БАРАД.
АММО ПАС АЗ ЧАНДИН СОЛ, ТАЪМИРИ МАЪБАД АНҶОМ НАЁФТА БУД.
ЧАРО ШУМО ҶОЙҲОИ ХАРОБГАРДИДАИ МАЪБАДРО ТАЪМИР НАМЕКУНЕД?
АЛҲОЛ НУҚРАРО АЗ ХАЗИНАДОРОН НАГИРЕД, БАЛКИ ОНРО БАРОИ ТАЪМИРИ МАЪБАД БИДИҲЕД
НА НУҚРАРО АЗ ҚАВМ МЕГИРЕМ, ВА НА РАХНАҲОИ ХОНАРО ТАЪМИР МЕНАМОЕМ.
ВА ЕҲЎЁДОИ КОҲИН САНДУҚЕ ГИРИФТА, СЎРОХЕ ДАР САРПЎШИ ОН КАРД.
Ў ОНРО ДАР САРИ РОҲЕ КИ МАРДУМ БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР МЕДАРОМАДАНД, ГУЗОШТ.


БО ҲАМОН ПУЛИ ҶАМЪШУДА ОНҲО КОРКУНОНРО БАРОИ ТАЪМИРИ МАЪБАД КИРО КАРДАНД.
ҲАР КАС КОМИЛАН АЗ РӮИ ВИҶДОН АМАЛ МЕНАМУД ВА ҲИСОБОТ ДОДАН ЗАРУР НАБУД.
ЕҲӮЁДОЪ ДАР 130-СОЛАГӢ ВАФОТ КАРД ВА БО ПОДШОҲОН ДАФН КАРДА ШУД, ЗЕРО КИ ДАР ИСРОИЛ БАРОИ ХУДО ВА БАРОИ ХОНАИ Ӯ КОРҲОИ НЕК КАРДА БУД.
АММО ЧАНДЕ ПАС АЗ ВАФОТИ Ӯ …
… ҚОИДАҲОИ ЕҲӮЁДОЪ БЕҲАД ҚАТЪӢ МЕБОШАНД.
РОҲҲОИ КӮҲНАИ Ӯ НАБОЯД АКНУН МОРО БОЗДОРАНД.
БИЁЕД БА ПАРАСТИШИ АШЕРА ВА БААЛ БАРМЕГАРДЕМ.
АЗ БАРОИ ИН ГУНОҲ ҒАЗАБЕ БАР ЯҲУДО ВА УРШАЛИМ БА ВУҶУД ОМАД.
БАС АСТ ПАЙРАВӢ КАРДАН БА ҚОИДАҲОИ ДОДАИ ШАХСИ МУРДА ВА ХУДОЕ КИ ДИДАНАШ ҒАЙРИИМКОН АСТ!
АГАРЧИ ПАРВАРДИГОР ПАЙҒАМБАРОНРО БА ХАЛҚ МЕФИРИСТОД, ТО АЗ ИН РОҲАШОН БАРГАРДАНД, ОНҲО ГӮШ НАМЕДОДАНД.






IV Подшоҳон 12:17-20; II Таърих 24:15-27


ЕҲӮОҲОЗ ПИСАРИ ЕҲУ БАР ИСРОИЛ ПОДШОҲ БУД.
АМАСЁ ПИСАРИ ЕҲӮОШ ДАР ЯҲУДО ПОДШОҲ БУД.
АЗБАСКИ ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР БАР ИСРОИЛ АЛАНГА ЗАД, Ӯ ОНҲОРО БА ДАСТИ, ПОДШОҲИ АРАМ СУПУРД, ТО БАР ОН САХТ ЗУЛМ КУНАНД.
АММО ҲАНГОМЕ КИ ЕҲӮОҲОЗ ПЕШИ ПАРВАРДИГОР ЗОРӢ КАРД, ХУДО ИСРОИЛИЁНРО ХАЛОСӢ ДОД.
АЗ ЛАШКАРИ ИСРОИЛ ФАҚАТ ПАНҶОҲ САВОРА, ДАҲ АРОБА ВА ДАҲ ҲАЗОР ПИЁДА БОҚӢ МОНДА БУДАНД.
ЕҲӮОҲОЗ ВАФОТ КАРД ВА ПИСАРАШ ЮОШ БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД.


ЮОШ ПИСАРИ ЕҲӮОҲОЗ ПОДШОҲ ШУД ВА ПАРАСТИШИ ГӮСОЛАҲОИ ТИЛЛОРО ДАВОМ ДОД.
ЮОШ, ПОДШОҲИ ИСРОИЛ, НАЗДИ ЭЛИШОЪ, КИ ДАР ДАМИ МАРГ БУД, РАФТ.
ЭЙ ПАДАРАМ, ЭЙ ПАДАРАМ! ЭЙ АРОБАИ ИСРОИЛ ВА САВОРОНАШ! 1
КАМОН ВА ТИРҲОРО БИГИР.
1 ПОДШОҲ ЭЪТИРОФ НАМУД, КИ ХУДО БА ВОСИТАИ ЭЛИШОЪ ҚУВВАТ ВА ҚУДРАТИ ҲАҚИҚӢ БАР ЗИДДИ ДУШМАНОНИ ОН АСТ.
ДАСТАТРО БА КАМОН БИМОН.
ТИРЕЗАИ ТАРАФИ ШАРҚРО ВОЗ КУН.
ТИР БИАНДОЗ!
ТИРИ ҒАЛАБАИ ПАРВАРДИГОР, ТИРИ ҒАЛАБА БАР АРАМ! ТУ АРАМИЁНРО ДАР АФИҚ БА ТАВРИ ҚАТЪӢ МАҒЛУБ ХОҲӢ КАРД.


ТИРҲОРО БИГИР.
ЗАМИНРО БИЗАН.
АММО ПОДШОҲ ФАҚАТ СЕ БОР ТИР ЗАД.
МЕБОИСТ ПАНҶ Ё ШАШ БОР МЕЗАДӢ, ОН ГОҲ АРАМИЁНРО БА ТАВРИ ҚАТЪӢ МАҒЛУБ МЕКАРДӢ.
АММО АЛҲОЛ БА АРАМИЁН СЕ БОР ШИКАСТ ХОҲӢ РАСОНИД.
БИН-ҲАДАД БА ҶОИ ПАДАРАШ ҲАЗОИЛ ПОДШОҲИ АРАМ ШУД – АММО ПОДШОҲ ЮОШ СЕ БОР ӮРО ШИКАСТ ДОД ВА ШАҲРҲОЕРО, КИ АРАМИЁН ГИРИФТА БУДАНД, ГАРДОНИДА ГИРИФТ.






IV Подшоҳон 13:20-21


Ӯ АЗ ҲАР ҶИҲАТ МИСЛИ ПАДАРАШ АМАЛ МЕКАРД – АММО БАЛАНДИҲОРО, КИ ДАР ОНҲО БУТҲОРО ПАРАСТИШ МЕКАРДАНД, БАРҲАМ НАДОД.
Ӯ КАСОНЕРО, КИ ПАДАРАШРО КУШТА БУДАНД, БА ҚАТЛ РАСОНИД.
ВА ДАҲ ҲАЗОР АДӮМИЁНРО ДАР ВОДИИ НАМАК КУШТ.
АЗ ҒАЛАБА САРМАСТ ГАРДИДА Ӯ НАЗДИ ЮОШ, ПОДШОҲИ ИСРОИЛ, ҚОСИДОНРО ФИРИСТОД.
ИН ПАЁМРО БА АМАСЁ РАСОНЕД … МУШХОРЕ КИ ДАР ЛУБНОН АСТ, БА АРЗЕ КИ ДАР ЛУБНОН АСТ, ФИРИСТОДА, ГУФТ: "ДУХТАРИ ХУДРО БА ПИСАРИ МАН БА ЗАНӢ БИДЕҲ".
ВАЛЕКИН ҲАЙВОНИ ДАШТИЕ КИ ДАР ЛУБНОН АСТ, ГУЗАР КАРДА, МУШХОРРО ПОЙМОЛ НАМУД.


МАН ПАЁМИ ТУРО МЕРАСОНАМ, ТО КИ Ӯ АЗ ҒАЛАБАИ ХУД БАР АДӮМ ФАХР КУНАД, АММО ДАР ХОНАИ ХУД БИМОНАД ВА ҲАЛОКАТРО БАРОИ ХУД НААНГЕЗАД.
ВАЛЕ АМАСЁ ГӮШ НАДОД ВА ДАР МУҲОРИБА БО ПОДШОҲИ ИСРОИЛ МАҒЛУБ ГАРДИД…
……ПОДШОҲИ ИСРОИЛ ОН МИҚДОРИ КАМИ ТИЛЛОРО, КИ ПАС АЗ ҲУҶУМИ ОХИРИНИ АРАМ БОҚӢ МОНДА БУД, ГИРИФТ.
БАЪД АМАСЁРО ОДАМОНИ ХУДАШ КУШТАНД, ВА ОНҲО ПИСАРИ ШОНЗДАҲСОЛАИ Ӯ АЗАРЁРО (КИ ҲАМЧУНИН УЗИЁ НОМИДА МЕШУД) БА ТАХТ ШИНОНДАНД.




IV Подшоҳон 14:23-15:16






IV Подшоҳон 15:19-31


ТО ДАМЕ КИ ТИҶЛАТ-ФИЛНОСАР ДАР ТАХТ БУД, ҲУШАЪ БА Ӯ ТОБЕЪ БУД; АММО ҲАНГОМЕ КИ ШАЛМАНОСАР ВОРИСИ ПАДАРИ ХУД ШУД, ҲУШАЪ КӮШИШ КАРД ИСТИҚЛОЛИ ХУДРО БАРҚАРОР КУНАД ВА БО МИСр ГУФТУШУНИД КАРД.
БА МАДАДИ МИСР УМЕД БАСТА, Ӯ ПАРДОХТАНИ ХИРОҶРО БАС КАРД.
БАЪД ШАЛМАНОСАР БА СОМАРИЯ НАЗДИК ОМАД, ВА ОНРО СЕ СОЛ ИҲОТА КАРД.
ШАҲРРО ЗАБТ НАМУДА, ПОДШОҲИ АШШУР ҲУШАЪРО БА ЗИНДОН ПАРТОФТ ВА ИСРОИЛИЁНРО БА АШШУР БА АСИРӢ БУРД.
ПОДШОҲИ НАВИ АШШУР, САРҶУНИ II, МАРДУМИ БЕГОНАРО АЗ ВИЛОЯТҲОИ ДИГАРИ ЗАБТШУДА ДАР ИСРОИЛ СОКИН НАМУД.
АММО ИН СОКИНОНИ НАВ ПАРВАРДИГОРРО ПАРАСТИШ НАМЕКАРДАНД – БИНОБАР И Ӯ ШЕРОНРО БАР ОНҲО ФИРИСТОД, КИ БАЪЗЕИ ОНҲОРО КУШТАНД.
ИН ХАБАР БА ПОДШОҲ САРҶУН РАСИД.






IV Подшоҳон 17:26-33


ВА ИН АЗ ОН САБАБ РӮЙ ДОД, КИ БАНӢ ИСРОИЛ ПЕШИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ХУД, КИ ОНҲОРО АЗ ЗАМИНИ МИСР, АЗ ЗЕРИ ДАСТИ ФИРЪАВН, ПОДШОҲИ МИСР, БЕРУН ОВАРДА БУД, ГУНОҲ КАРДАНД.
ОНҲО ХУДОЁНИ ДИГАРРО , КИ ПАРВАРДИГОР АЗ ПЕШИ ОНҲО РОНДА БУД, ПАРАСТИШ КАРДАНД ВА МУВОФИҚИ ОДАТЕ КИ ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ ҶОРӢ НАМУДА БУДАНД, РАФТОР КАРДАНД.
ОНҲО СУХАНОНИ НОДУРУСТЕ ДАР ҲАҚҚИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ХУД БОФТА БАРОВАРДАНД, ВА СУТУНҲО ВА АШЕРАҲО БАРОИ ХУД ГУЗОШТАНД.
ОНҲО БАР ҲАМАИ БАЛАНДИҲО, МИСЛИ ХАЛҚҲОЕ КИ ПАРВАРДИГОР АЗ ПЕШИ ОНҲО РОНДА БУД, БУХУР СӮЗОНИДАНД – ҲАМАИ ИН ПАРВАРДИГОРРО БА ХАШМ ОВАРД.
ОНҲО ФАРМУДАҲО ВА АҲДИ ӮРО РАД КАРДАНД.
ОНҲО БУТҲОИ БЕАРЗИШРО ПАЙРАВӢ НАМУДАНД ВА ХУДАШОН БЕАРЗИШ ГАРДИДАНД.
ВА ПАРВАРДИГОР АЗ ИСРОИЛ ХАШМГИН ШУДА, ОНҲОРО МАЗЛУМ ГАРДОНИД, ВА ОНҲОРО БА ДАСТИ ТОРОҶГАРОН СУПУРД, ТО БА ДАРАҶАЕ КИ ОНҲОРО АЗ ҲУЗУРИ ХУД ДУР АНДОХТ.
ФАҚАТ ЯҲУДО БОҚӢ ГУЗОШТА ШУД – АММО ЯҲУДО ҲАМ ФАРМУДАҲОИ ПАРВАРДИГОР ХУДОРО БА ҶО НАМЕОВАРД.


ҲАНГОМЕ КИ ЁРОБЪОМИ II ПОДШОҲИ ИСРОИЛ БУД, АЗАРЁ (КИ ҲАМЧУНИН УЗИЁ НОМИДА МЕШУД), ПИСАРИ АМАСЁ, ПОДШОҲИ ЯҲУДО ШУД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД, ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР ДУРУСТ БУД, БА АМАЛ ОВАРД, ЧУНОН КИ ПАДАРАШ АМАСЁ БА АМАЛ ОВАРДА БУД.
ВА ДАР АЙЁМИ ЗАКАРЁ, КИ БО ТАРСИ ХУДО БА Ӯ ДАСТУРҲО МЕДОД, Ӯ ХУДОРО ҶӮЁ БУД, ВА ДАР РӮЗҲОЕ КИ ПАРВАРДИГОРРО ҶӮЁ БУД, ХУДО ӮРО КОМЁБ МЕГАРДОНИД.
УЗИЁ ЛАШКАРИ МАШҚДИДА ДОШТ ВА ОНҲО МАНҶАНИҚҲОЕ СОХТАНД, КИ ОНҲО БАР БУРҶҲО ВА ГӮШАҲОИ ҲИСОР БАРОИ АНДОХТАНИ ТИРҲО ВА САНГҲОИ КАЛОН ГУЗОШТА ШАВАНД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ҚАВӢ ШУД, ҲАВОБАЛАНДИЯШ БОИСИ ФУРӮ ҒАЛТИДАНАШ ГАРДИД.
Ӯ БА ПАРВАРДИГОР ХИЁНАТ НАМУД ВА БА ПАРАСТИШГОҲИ ПАРВАРДИГОР ДАРОМАД, ТО КИ БУХУР БАР ҚУРБОНГОҲИ БУХУР СӮЗОНАД.
АЗАРЁҲУИ КОҲИН ВА ҲАШТОД КОҲИНОНИ ДАЛЕР БА Ӯ МУҚОБИЛАТ НАМУДАНД.
ТУРО, ЭЙ УЗИЁ, РАВО НЕСТ, КИ БАРОИ ПАРВАРДИГОР БУХУР СӮЗОНӢ.




II Вақоеънома 26:17-21


ПАС АЗ ВАФОТИ ЮТОМ ПИСАРАШ ОҲОЗ ПОДШОҲ ШУДА, БАДКИРДОРИИ САХТ КАРД – ПИСАРИ ХУДРО АЗ ОТАШ ГУЗАРОНД.
ВАААҲҲ!!!
ҲАНГОМЕ КИ ПОДШОҲОНИ АРАМ ВА ИСРОИЛ БА Ӯ ҲУҶУМ КАРДАНД, Ӯ ТИЛЛО ВА НУҚРАИ БОҚИМОНДАИ МАЪБАДРО БА ПОДШОҲИ АШШУР ДОД, ТО ОМАДА, ӮРО ХАЛОС КУНАД.
ПОДШОҲ ОҲОЗ БУТПАРАСТИРО ДАР УРШАЛИМ ҶОРӢ НАМУД – ҲАТТО БА САРКОҲИН ФАРМУД, КИ ҚУРБОНГОҲЕ ЧУН ҚУРБОНГОҲИ АШШУР СОХТА, БА ҶОИ ҚУРБОНГОҲИ ПАРВАРДИГОР, КИ МУСО ДОДА БУД, ГУЗОРАД.
Ӯ МАЪБАДРО ДИГАРГУН КАРД ВА АМАЛҲОИ БУТПАРАСТОНАРО ДАР МАРОСИМҲОИ ДИНӢ ДОХИЛ НАМУД.


ПАС АЗ ВАФОТИ ОҲОЗ ПИСАРАШ ҲИЗҚИЁ БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД.
Ӯ БА ПАРВАРДИГОР ИМОН ДОШТ ВА ДАР САРЗАМИНИ ХУД СУТУНҲОИ АШЕРАРО БУРИД..
Ӯ МИРИ МИСИНРО, КИ МУСО СОХТА БУД, ПОРА-ПОРА КАРД.
ӮРО НАҲУШТОН МЕНОМИДАНД ВА МАРДУМ ОНРО ПАРАСТИШ МЕКАРДАНД.
Ӯ ДАР ҲАР КОРЕ КИ МЕКАРД, МУВАФФАҚ МЕШУД, ЗЕРО ХУДО БО Ӯ БУД.
ПАС АЗ 14 СОЛ ПОДШОҲИ АШШУР САНҲЕРИБ ШАҲРҲОИ ДЕВОРДОРИ ЯҲУДОРО ЗАБТ КАРД.
ҲИЗҚИЁ ВАЪДА ДОД, КИ БА Ӯ ХИРОҶ МЕДИҲАД …
… 11 ТОННА НУҚРА ВА 1 ТОННА ТИЛЛО – ТАМОМИ ПУЛИ ХАЗИНАИ ПОДШОҲ. Ӯ ҲАТТО ТИЛЛОИ ДАРҲОИ МАЪБАДРО КАНДА ГИРИФТ, ТО КИ ОНРО БА ПОДШОҲИ АШШУР ДИҲАД.






IV Подшоҳон 18:17-24


ЗИЁДА АЗ ИН, ХУДИ ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУД, КИ БА ИН САРЗАМИН ОМАДА, ОНРО ХАРОБ НАМОЯМ.
ЛУТФАН, БО БАНДАГОНАТ БА ЗАБОНИ АРАМӢ ГУФТУГӮ НАМО, КИ МО ОНРО МЕФАҲМЕМ.
БО МО ДАР ГӮШИ МАРДУМЕ КИ БОЛОИ ДЕВОРИ ШАҲР МЕБОШАНД, ИБРОНӢ ГАП НАЗАН
ОЁ ИН СУХАНОН ФАҚАТ БАРОИ ХОҶААТ МЕБОШАНД, Ё ҲАМЧУНИН БАРОИ МАРДУМИ ШУМО, КИ БОЯД БО ШУМО АХЛОТИ ХУДРО БИХӮРАНД ВА ПЕШОБИ ХУДРО БИНӮШАНД?
БА СУХАНОНИ ПОДШОҲИ БУЗУРГ, ПОДШОҲИ АШШУР, ГӮШ ДИҲЕД!
ПОДШОҲ САНҲЕРИБ БА ШУМО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД: ”БО МАН СУЛҲ КУНЕД ВА НАЗДИ МАН БЕРУН ОЕД”.
ҲАР КАС АЗ ТОКИ ХУД ВА ҲАР КАС АЗ ДАРАХТИ АНҶИРИ ХУД МЕВА ХОҲАД ХӮРД, ВА ҲАР КАС АЗ ЧОҲИ ХУД ОБ ХОҲАД НӮШИД, ТО ДАМЕ КИ МАН ОМАДА, ШУМОРО БА ЗАМИНЕ МИСЛИ ЗАМИНИ ХУДАТОН БИБАРАМ.
ИНТИХОБ КУНЕД – ҲАЁТ Ё МАРГ!


БА ҲИЗҚИЁ ГӮШ НАДИҲЕД, ЗЕРО КИ Ӯ ШУМОРО ФИРЕБ ДОДА, МЕГӮЯД: ПАРВАРДИГОР МОРО РАҲО ХОҲАД КАРД».
ОЁ ХУДОЁНИ ХАЛҚҲО ЗАМИНИ ХУДРО АЗ ДАСТИ ПОДШОҲИ АШШУР РАҲО КАРДААНД?
САРВАРОН ИН СУХАНОНРО АЗ ҶОНИБИ САРҲЕРИБ БА ҲИЗҚИЁ РАСОНДАНД.
НАЗДИ ПАЙҒАМБАР ИШАЪЁ БО ЧУНИН ПАЁМ РАВЕД: «ИМРӮЗ РӮЗИ МУСИБАТ… АСТ, ЗЕРО КӮДАКОН ТО ДАҲАНИ БАЧАДОН РАСИДААНД, ВАЛЕ ҚУВВАТИ ЗОИДАН НЕСТ».
КРААAК
(1) ДАРОНДАНИ ЛИБОС НИШОНАИ ҒАМУ АНДӮҲ БУД.
КОШКИ ПАРВАРДИГОР ҲАМАИ СУХАНОНИ ИН ПОДШОҲРО, КИ БАРОИ ҲАҚОРАТ КАРДАНИ ХУДОИ ЗИНДА ФИРИСТОДААСТ, МЕШУНИД ВА ӮРО ҶАЗО МЕДОД.
БИНОБАР ИН – БАРОИ БАҚИЯЕ КИ ҲАНӮЗ ВУҶУД ДОРАНД, ДУО НАМО.


ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: АЗ СУХАНОНЕ КИ ШУНИДАЙ, КИ БО ОНҲО НАВКАРОНИ ПОДШОҲИ АШШУР МАРО ҲАҚОРАТ ДОДААНД, НАТАРС.
Ӯ ХАБАРЕ ШУНИДА, БА ЗАМИНИ ХУД ХОҲАД БАРГАШТ; ВА МАН ӮРО ДАР ЗАМИНИ ХУДАШ БО ШАМШЕР ФУРӮ ХОҲАМ ҒАЛТОНИД
САНҲЕРИБ ПАЁМИ ДИГАРЕ ФИРИСТОД …
БИГЗОР ХУДОИ ТУ ТУРО ФИРЕФТА НАНАМОЯД, КИ ТУ БА Ӯ ТАВАККАЛ КАРДА, МЕГӮЙ: УРШАЛИМ БА ДАСТИ ПОДШОҲИ АШШУР СУПУРДА НАХОҲАД ШУД.
ИНАК, ТУ ШУНИДАЙ, КИ МАН БО ҲАМАИ КИШВАРҲО ЧӢ КАРДААМ – ИН ПОДШОҲОН ҲОЛО КУҶОЯНД?
ЭЙ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ, КИ БАР КАРРУБИЁН НИШАСТАӢ! ТУӢ, КИ БА ТАНҲОӢ ХУДОИ ҲАМАИ МАМЛАКАТҲОИ ЗАМИН ҲАСТӢ.
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ГӮШИ ХУДРО ХАМ КАРДА, БИШНАВ; ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ЧАШМОНИ ХУДРО КУШОДА, БУБИН; ВА СУХАНОНИ САНҲЕРИБРО БИШНАВ, КИ БАРОИ ТАҲҚИР КАРДАНИ ХУДОИ ЗИНДА ФИРИСТОДААСТ.
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ДАР ҲАҚИҚАТ ПОДШОҲОНИ АШШУР ХАЛҚҲОРО БО ЗАМИНҲОИ ОНҲО ХАРОБ КАРДААНД.
АЛҲОЛ, ЭЙ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ МО, МОРО АЗ ДАСТИ ВАЙ НАҶОТ ДЕҲ, ТО ҲАМАИ МАМЛАКАТҲОИ ЗАМИН ДОНАНД, КИ ТАНҲО ТУ, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ХУДО ҲАСТӢ.


ИШАЪЁ ПАЁМИ ХУДОРО БА ҲИЗҚИЁ РАСОНД.
“ОН ЧИРО, КИ ТУ ДАР ҲАҚҚИ САНҲЕРИБ, ДАР ДУОИ ХУД ГУФТӢ, ШУНИДАМ”.
“ЧУНИН АСТ СУХАНЕ КИ ПАРВАРДИГОР ДАР БОРАИ ВАЙ ГУФТААСТ”
ТУ ҚУДДУСИ ИСРОИЛРО ТАҲҚИР НАМУДАЙ ВА ДАШНОМ ДОДАЙ!
АЗ ҚАДИМУЛАЙЁМ ПЕШБИНӢ НАМУДААМ, КИ ТУ ШАҲРҲОИ ИСТЕҲКОМДОРРО ВАЛАНГОР МЕКУНӢ.
ВАЛЕ МАН БАРОМАДАН ВА ДАРОМАДАНИ ТУРО МЕДОНАМ … ҒУРУРИ ТУ БА ГӮШИ МАН РАСИДААСТ … ТУРО БО РОҲЕ КИ ОМАДАЙ, ХОҲАМ БАРГАРДОНИД.
АЗ УРШАЛИМ БАҚИЯ ХОҲАД ОМАД
РАШКИ ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО ИНРО БА АМАЛ ХОҲАД ОВАРД.
ПОДШОҲИ АШШУР БА ИН ШАҲР ВОРИД НАХОҲАД ШУД – БО КАДОМ РОҲЕ КИ ОМАДААСТ, БО ҲАМОН ХОҲАД БАРГАШТ.
МАН ИН ШАҲРРО ҲИМОЯ ХОҲАМ КАРД ВА НАҶОТ ХОҲАМ ДОД, БА ХОТИРИ БАНДАИ ХУД ДОВУД.




IV Подшоҳон 19:35-37


ҲАНГОМЕ КИ ҲИЗҚИЁ КАСАЛ ШУД, ПАЙҒАМБАР ИШАЪЁ НАЗДИ Ӯ ОМАД.
ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: "БАРОИ АҲЛИ ХОНАИ ХУД ВАСИЯТ НАМО, ЗЕРО КИ ТУ ХОҲӢ МУРД ВА ШИФО НАХОҲӢ ЁФТ"
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, БА ЁД ОВАР, КИ ЧӢ ГУНА МАН БА ҲУЗУРИ ТУ БО РОСТӢ ВА АЗ САМИМИ ҚАЛБ РАФТОР НАМУДААМ, ВА ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ТУ ПИСАНД БУД, БА АМАЛ ОВАРДААМ.
ИШАЪЁ ҲАНУЗ БА САҲНИ МИЁНА НАБАРОМАДА БУД, КИ СУХАНИ ПАРВАРДИГОР БАР Ӯ ФУРУД ОМАД.
БА НАЗДИ ҲИЗҚИЁ БАРГАРД, “ДУОИ ТУРО ШУНИДАМ, АШКҲОИ ТУРО ДИДАМ. ИНАК, МАН ТУРО ШИФО ХОҲАМ ДОД: БАЪД АЗ СЕ РӮЗ ТУ БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР ДОХИЛ ХОҲӢ ШУД”.
ХУДО МЕГӮЯД: “ВА МАН БАР РӮЗҲОИ ТУ ПОНЗДАҲ СОЛ ИЛОВА МЕНАМОЯМ, ВА ТУРО, ВА ИН ШАҲРРО АЗ ДАСТИ ПОДШОҲИ АШШУР РАҲО ХОҲАМ НАМУД”.
“МАН ИН ШАҲРРО БА ХОТИРИ ХУДАМ ВА БА ХОТИРИ БАНДААМ ДОВУД ҲИМОЯ ХОҲАМ КАРД”.


ГИРДАЕ АЗ АНҶИР БИГИРЕД.
ЧИСТ АЛОМАТИ ОН КИ ПАРВАРДИГОР МАРО ШИФО ХОҲАД ДОД?
АЛОМАТ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР ДАР БОРАИ ОН КИ Ӯ ВАЪДААШРО БА АМАЛ ХОҲАД ОВАРД, БАРОИ ТУ ИН АСТ: “ОЁ СОЯ ДАҲ ЗИНА ПЕШ РАВАД, Ё ДАҲ ЗИНА ҚАФО ГАРДАД?”
ДАҲ ЗИНА ПЕШ РАФТАНИ СОЯ ОСОН АСТ; НЕ, БИГЗОР СОЯ ДАҲ ЗИНА ҚАФО ГАРДАД.
ПАЙҒАМБАР СӮИ ПАРВАРДИГОР ДУО КАРД, ВА СОЯИ ЗИНАҲОРО, КИ БАР ЗИНАҲОИ ПОДШОҲ ФУРОМАДА БУД, ДАҲ ЗИНА ҚАФО ГАРДОНИД.


ПОДШОҲИ БОБИЛ ДАР ХУСУСИ БЕМОРИИ ҲИЗҚИЁ ШУНИДА, БА Ӯ НОМА ВА ҲАДИЯ ФИРИСТОД.
ВА ҲИЗҚИЁ БА САФИРОН ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ДАР ҚАСР ВА ДАР ХАЗИНАХОНААШ БУД, НИШОН ДОД.
ИН ОДАМОН ЧӢ ГУФТАНД? ВА АЗ КУҶО НАЗДИ ТУ ОМАДААНД?
АЗ КИШВАРИ ДУР, АЗ БОБИЛ ОМАДААНД.
ДАР ХОНАИ ТУ ЧӢ ДИДАНД?
ҲАР ОН ЧИ ДАР ХОНАИ МАН ҲАСТ, ДИДАНД; ЧИЗЕ ДАР ХАЗИНАҲОИ МАН НАМОНД, КИ БА ОНҲО НИШОН НАДОДА БОШАМ.
СУХАНИ ПАРВАРДИГОРРО БИШНАВ: "РӮЗҲОЕ МЕОЯНД, КИ ҲАР ОН ЧИ ДАР ХОНАИ ТУСТ, ВА ОН ЧИ ПАДАРОНАТ ТО ИМРӮЗ АНДӮХТААНД, БА БОБИЛ БУРДА ХОҲАД ШУД.
“ЧИЗЕ БОҚӢ НАХОҲАД МОНД”, – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
“БАЪЗЕ АЗ АВЛОДОНАТ ДАР ҚАСРИ ПОДШОҲИ БОБИЛ ХОҶАСАРО ХОҲАНД ШУД”.
СУХАНИ ПАРВАРДИГОР, КИ ТУ БА ЗАБОН РОНДӢ, БАРҲАҚ АСТ.
ОЁ ИМКОН НАДОРАД, КИ ДАР РӮЗҲОИ МАН ОСОИШТАГӢ ВА АМОНӢ БОШАД?


ПАС АЗ МАРГИ ҲИЗҚИЁ, ПИСАРИ 12-СОЛААШ МЕНАШШЕ ТАХТРО БА ДАСТ ОВАРД ВА 55 СОЛ ҲУКМРОНӢ КАРД. Ӯ БАДКИРДОРӢ МЕКАРД, НА НЕКӢ. БА КОРҲОИ ЗИШТИ ХАЛҚҲОЕ КИ ПАРВАРДИГОР ОНҲОРО АЗ ПЕШИ БАНӢ ИСРОИЛ БАДАР РОНДА БУД, ПАЙРАВӢ МЕНАМУД.
ВА Ӯ БАЛАНДИҲОЕРО, КИ ПАДАРАШ ҲИЗҚИЁ БАРҲАМ ДОДА БУД, АЗ НАВ БИНО КАРД, ВА ҚУРБОНГОҲҲО БАРОИ БААЛ БАРПО НАМУД, ВА АШЕРАРО МИСЛИ ОН КИ АҲЪОБ, ПОДШОҲИ ИСРОИЛ, СОХТА БУД, СОХТ.
ИН КУФР БАР ЗИДДИ ХУДОИ ТАОЛО АСТ!
ПАРВАРДИГОР ПАЙҒАМБАРОНИ ХУДРО ФИРИСТОД.
МЕНАШШЕ НАЗАР БА АМӮРИЁНЕ КИ ПЕШ АЗ Ӯ БУДАНД, БАДТАР РАФТОР НАМУД. Ӯ БО БУТҲОИ ХУД ЯҲУДОРО ГИРИФТОРИ ГУНОҲ ГАРДОНИД. ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ ЧУНИН МЕГӮЯД: " МАН БАР УРШАЛИМ ВА ЯҲУДО ЧУНОН МУСИБАТЕ ХОҲАМ ОВАРД, КИ ҲАР КАСЕ КИ ДАР БОРАИ ОН БИШНАВАД, ҲАР ДУ ГӮШАШ САДО ХОҲАД ДОД".
ПИРИ АҲМАҚ – РОҲҲОИ ПОДШОҲ МЕНАШШЕ БА МО МАЪҚУЛАНД.
ЗИЁДА АЗ ОН, МЕНАШШЕ ХУНИ БЕГУНОҲОНРО БИСЁР РЕХТ, БА ТАВРЕ КИ УРШАЛИМРО САР ТО САР АЗ ОН ПУР КАРД.
ОМӮН, ПИСАРАШ, БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД ВА КОРҲОИ БАДИ ПАДАРАШРО ПАЙРАВӢ НАМУД,. ПАС АЗ ДУ СОЛ БАР Ӯ СУИҚАСД КАРДА, ӮРО КУШТАНД.






IV Подшоҳон 22:1-11




IV Подшоҳон 22:12-20


ПОДШОҲ ҲАМАИ МАРДУМРО – ПИРУ ҶАВОНРО ҶАМЪ КАРД.
ВА Ӯ ДАР ОН ҶО ҲАМАИ СУХАНОНИ КИТОБИ ПАЙМОНРО, КИ ХУДО БА МУСО ДОДА БУД, БА ОНҲО ХОНД.
МАН – ВА ТАМОМИ ХАЛҚИ ТУ – СУХАНОНИ ТУРО, КИ БА ВОСИТАИ МУСО ГУФТАӢ, ПАЙРАВӢ ХОҲЕМ КАРД.
ДАР БАЙНИ МО БУТЕ НАХОҲАД БУД.
МО ХОҲОНИ БАРАКАТИ ТУЕМ – НА ЛАЪНАТИ ТУ.
ҲАМАИ БУТҲОЕРО, КИ ДАР МАЪБАД ГУЗОШТА ШУДА БУДАНД, СӮЗОНД.
МУНАҶҶИМОНРО АЗ КИШВАР ДУР КАРД.
ДАР ВОДИИ ТӮФЕТ (1) Ӯ БУТҲОРО БАРОИ ҚУРБОНӢ ОВАРДАНИ ТИФЛОН ВАЙРОН КАРД. Ӯ БАЛАНДИҲОРО БАРҲАМ ДОД.
(1) ТӮФЕТ МАЪНОИ НАҚОРАРО ДОРАД, ЧУНКИ КОҲИНОН НАҚОРА МЕЗАДАНД, ТО КИ ФАРЁДИ ТИФЛОНРО ҲАНГОМИ БА ҚУРБОНИИ ОТАШ ОВАРДАНИ ОНҲО ПАХШ КУНАД.
ХОНАҲОИ ЛИВОТАГАРОНРО, КИ НАЗДИ ХОНАИ ПАРВАРДИГОР БУД, ВА ДАР ОН ҶО ЗАНОН ЧОДИРҲО БАРОИ АШЕРА МЕБОФТАНД, ХАРОБ КАРД.


БУТЕРО, КИ ЁРОБЪОМ СОХТА, МАРДУМРО ГИРИФТОРИ ГУНОҲ ГАРДОНИДА БУД, СӮЗОНИД.
ПАС АЗ ОН КИ СӮХТА ТАМОМ ШАВАД, ГАРД-ГАРД КУНЕД.
ИН ЧӢ ҚАБР АСТ?
ИН ҚАБРИ МАРДИ ХУДОСТ, КИ ВАЙ АЗ ЯҲУДО ОМАДА, ИН КОРҲОЕРО, КИ ТУ БАР ҚУРБОНГОҲИ БАЙТ-ИЛ КАРДАЙ, ЭЪЛОН НАМУДА БУД.
СЕСАД СОЛ ПЕШ ...
ҚУРБОНГОҲ, ҚУРБОНГОҲ! ИН АСТ ОН ЧИ ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: “ЙӮШИЁҲУ НОМ ПИСАРЕ ДАР ХОНАДОНИ ДОВУД ЗОДА МЕШАВАД”.
“Ӯ КОҲИНОНИ БАЛАНДИҲОРО, КИ ДАР ОН ҶО ҚУРБОНИҲО МЕОВАРДАНД, МЕКУШАД, ВА УСТУХОНҲОИ ОДАМИЗОД БАР ТУ СӮЗОНДА МЕШАВАНД”.
ЙӮШИЁҲУ ВА ХАЛҚАШ ПЕСАҲРО ҶАШН ГИРИФТАНД, КИ МИСЛИ ОН ДАР ДАВОМИ 400 СОЛ, АЗ ЗАМОНИ БА ЗАМИНИ ВАЪДАШУДА ОМАДАНИ ИСРОИЛ ҶАШН ГИРИФТА НАШУДА БУД.
ЙӮШИЁҲУ ДАР ҶАНГ КУШТА ШУД, АММО ЯГОН ПОДШОҲ ЧУН Ӯ НАБУД, КИ ИН ҚАДАР БА ИДЕАЛИ ДАР ТАКРОРИ ШАРИАТ ЗИКРШУДА НАЗДИК БОШАД.
АММО ҲАТТО ИН ПОДШОҲИ РОСТКОР ҒАЗАБИ ХУДОРО ПЕШГИРӢ КАРДА НАМЕТАВОНИСТ, ЗЕРО ГУНОҲИ МЕНАШШЕ ХЕЛЕ БУЗУРГ БУД.


ПИСАРИ ЙЎШИЁҲУ, ЕҲЎОҲОЗ, ВА Ў ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД, БА АМАЛ ОВАРД ВА ҲАМАГӢ СЕ МОҲ ҲУКМРОНӢ КАРД.
ФИРЪАВН НАКЎҲ ЎРО ЗАНҶИРБАНД КАРД ВА Ў ДАР ЗИНДОН МУРД.
ФИРЪАВН НАКЎҲ БА ҶОИ ЕҲЎОҲОЗ БАРОДАРАШ ЭЛЁҚИМРО ПОДШОҲ КАРД.
ВА ҲАМЧУН НИШОНАИ ҚУДРАТИ ХУД, НОМИ ЎРО БА ЕҲЎЁҚИМ МУБАДДАЛ НАМУД.
ДАР СОЛИ 605 ТО МИЛОД НАБУКАДНЕСАР, ПОДШОҲИ БОБИЛ, КИШВАРРО ЗАБТ НАМУДА, ЕҲЎЁҚИМРО ТОБЕИ ХУД ГАРДОНД.
АММО ДАР СОЛИ 602 ТО МИЛОД ПОДШОҲ ЕҲЎЁҚИМ БА МАСЛИҲАТИ ПАЙҒАМБАР ИРМИЁ ГЎШ НАДОДА, ЗИДДИ ПОДШОҲИ БОБИЛ ИСЁН НАМУД.
ПАРВАРДИГОР ФАВҶҲОИ КАЛДОНИЁН, ВА ФАВҶҲОИ АРАМИЁН, ВА ФАВҶҲОИ МЎОБИЁН, ВА ФАВҶҲОИ БАНӢ АММЎНРО ФИРИСТОД, ТО КИ ЯҲУДОРО НОБУД КУНАНД.
БА САБАБИ ГУНОҲҲОИ МЕНАШШЕ, ВА НИЗ АЗ БОИСИ ХУНИ БЕГУНОҲОН, КИ Ў РЕХТА БУД, ХУДО ОНҲОРО АЗ ҲУЗУРИ ХУД ДУР КАРД.
ЕҲЎЁҚИМ МУРД ВА ПИСАРАШ ЕҲЎЁКИН ДАР ҲАЖДАҲСОЛАГӢ БА ҶОИ Ў БА ТАХТ НИШАСТ.
Ў БО ХУД АСИРОНРО БА БОБИЛ БУРД, БО ЗИМНИ ДОНИЁЛИ ҶАВОН ВА ДЎСТОНАШ.


БА МОНАНДИ ПАДАРАШ, ЕҲӮЁКИН ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД, БА АМАЛ ОВАРД ВА МАРДУМРО АЗ ПАРАСТИШИ ХУДОИ ИСРОИЛ ДУР КАРД.
ДАР СОЛИ 597 ТО МИЛОД НАБУКАДНЕСАР БОРИ ДУЮМ БА ЯҲУДО ЗАДА ДАРОМАД.
Ӯ УРШАЛИМРО МУҲОСИРА НАМУД, ВА ЕҲӮЁКИН ВА ТАМОМИ АҲЛИ ОИЛААШ ВА ХОДИМОНАШ НАЗДИ ПОДШОҲИ БОБИЛ БЕРУН ОМАД.
НАБУКАДНЕСАР ТАМОМИ ХАЗИНАҲО ВА АШЁҲОИ ТИЛЛОРО, КИ ДАР МАЪБАД ИСТИФОДА МЕШУДАНД, БЕРУН ОВАРД.
ҲАМАИ МИРОН, ВА ҲАМАИ МАРДОНИ ҶАНГӢ, ВА ҲАМАИ ҲУНАРМАНДОН ВА ОҲАНГАРОНРО БА АСИРӢ ГИРИФТА БУРД; ҒАЙР АЗ КАМБАҒАЛОН КАСЕ БОҚӢ НАМОНД.
ПОДШОҲИ БОБИЛ АМАКИ Ӯ МАТТАНЁРО БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ КАРД ВА БА Ӯ СИДҚИЁ НОМ ДОД.
АММО СИДҚИЁ НИЗ ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД, БА АМАЛ ОВАРД ВА ЗИДДИ ҲУКМРОНИИ БОБИЛ ИСЁН КАРД (1).
ТУ БА ИН ХАРИ БОБИЛӢ ХИРОҶ ДОДАНРО БАС КУН – БО ДАСТГИРИИ ФИРЪАВНИ МИСР МО ҒАЛАБА КАРДА МЕТАВОНЕМ.
(1) ЭҲТИМОЛ, ҲУФРАЪ, НАБЕРАИ ФИРЪАВН НАКӮҲ ӮРО БА ИН АМАЛ ВОДОР КАРДА БУД.


ДАР СОЛИ 597 ТО МИЛОД ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР ТАМОМИ ЛАШКАРИ ХУДРО ЗИДДИ УРШАЛИМ РАВОНА КАРД.
САРЛАШКАРИ Ӯ НАБУЗАРЪАДОН МАЪБАД, ҚАСРИ ПОДШОҲ ВА ТАМОМИ ХОНАҲОИ УРШАЛИМРО ОТАШ ЗАД.
СИДҚИЁ ВА ЛАШКАРАШ ШАБОНА ШАҲРРО ТАРК КАРДАНД, АММО ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР ОНҲОРО ДАР РИБЛО ДАСТГИР КАРД.
ПИСАРОНАШРО ДАР ПЕШИ НАЗАРИ Ӯ КУШЕД, ТО КИ БА ВОЯ РАСИДА ИСЁН НАКУНАНД … БИГУЗОР ИН ОХИРИН ЧИЗЕ БОШАД, КИ Ӯ МЕБИНАД, ПЕШ АЗ ОН КИ ЧАШМОНАШРО КӮР КУНЕД.
ЧУНОН КИ ХУДО ҲОКИМОН ВА ХАЛҚРО БОРҲО ОГОҲ КАРДА БУД – АГАР ОНҲО АЗ Ӯ ДАСТ КАШАНД – «ЗАМИН ОНҲОРО ҚАЙ ХОҲАД КАРД».
ҲАМИН ТАВР АСОРАТИ БОБИЛӢ САР ШУД – ҲАФТОД СОЛИ АСОРАТ ДАР БОБИЛ.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**